# Тағйирёбии иқлим

## Машваратҳо дар мавриди чӣ гуна кам кардани нақши гази карбони худ

**Нақши гази карбон** ихроҷҳои умумии ҳамаи газҳои гармхонаӣ аст, ки инсон аз захираҳои энергетикӣ ё чизе харидорӣ намуда, боқӣ мегузорад.

**$CO_2$ (гази карбон)** – гази гармхонаии асосӣ, ки ба тағйирёбии иқлим таъсир мерасонад. Он ҳангоми сӯхтани намуди сӯзишвориҳои баровардашавандаи зерин ба атмосфера хориҷ мешавад: нафт, ангишт ва гази табиӣ, ки онҳо барои ба даст овардани энергия истифода мешаванд. Пас, бо кам кардани хароҷоти ҳаррӯзаи энергия ва захираҳо, мумкин аст партовҳои $CO_2$-ро кам кунем ва ба сайёра кумак намоем. Ин корро чӣ гуна метавон анҷом дод? **Машваратҳоро бихон –**

**КАМ КУН! ИШТИРОК НАМО! ҲИФЗ КУН!**

# КАМ КУН! ИШТИРОК НАМО! ҲИФЗ КУН!

## ДАР РОҲ БА СӮЙИ МАКТАБ, ҲАНГОМИ ИСТИРОҲАТ ВА САФАРҲО

Бештар пиёда роҳ рав ва аз дучарха истифода кун.
Аз нақлиёти ҷамъиятӣ истифода кун.
Ҳангоми сафар ба шаҳри дигар, агар он на он қадар дур бошад, аз қатора истифода намо, на аз ҳавопаймо.

**Нақши гази карбони худро КАМ КУН!**

## ДАР МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ

Овезаи мазкурро дар мактаб ё даромадгоҳи хонаи худ овезон кун.
Дар мавриди машваратҳои мазкур ба дӯстон ва шиносҳо бигӯ.

**Дар мубориза бо тағйирёбии иқлим ИШТИРОК КУН!**




## САРФАИ НЕРУИ БАРҚ ДАР ХОНА

Ҳуҷра ё хонаро гарм кун, то дар фасли зимистон аз гармкунакҳои барқӣ истифода накунӣ.
Пас аз рафтани худ барқро хомӯш кун.
Аз фурӯзонакҳои каммасраф истифода кун.
Асбобҳои қувватдиҳандаи телефонҳои мобилиро аз розетка ҷудо кун, вақте онҳо истифода намешаванд.
Компютер, телевизор ва дигар асбобҳои барқиро дар «режими интизор» нагузор, аз тугмаҳои равшан кардан/хомӯш кардан истифода кун ё онҳоро аз шабакаи барқ ҷудо намо.
Кӯшиш кун то либосро дар ҳарорати нисбатан пасттар 30-40 °C бишӯӣ.
Қабл аз боз кардани яхдон, пешакӣ фикр кун, ки аз он чӣ гирифтан меҳоҳӣ.
Миқдори лозимии обро биҷӯшон.
Ҳангоми омода намудани хӯрок сарпӯши кастрюл ё тобаро маҳкам кун – бо ин роҳ энергия 2,5 маротиба камтар сарф мешавад.

**Нақши гази карбони худро КАМ КУН!**

**ҲИФЗ КУН!**

## МАШВАРАТҲО БАРОИ ҲАР РӮЗ

Ҷумаки обрезро сахт маҳкам кун.
Ба чизҳо эҳтиёткорона муносибат намо, он гоҳ онҳо зиёдтар хидмат мекунанд.
Аз принтер камтар истифода намо, коғазро сарфа кун.
Партовҳоро барои коркард ва истифодаи дуюмбора ба навъҳо ҷудо кун.
Аз чизҳое истифода кун, ки онҳо аз маҳсулоти коркарди дубора омода шудаанд ё чизҳое, ки мумкин аст аз коркарди дубора гузаранд.

**Табиат ва захираҳоро ҲИФЗ КУН!**

## ДАР МАҒОЗА

Вақте шумо ҳамроҳ бо падару модар ба мағоза меравед:

- сумкаи худро гиред – аз пакет ё дастхалтаи якдафъагӣ камтар истифода кунед.
- асбобҳои барқии маишии дорои масрафи ками энергияро харидорӣ кунед.
- маҳсулоти озуқаворҳои маҳаллиро бихаред, ки барои интиқоли онҳо камтар энергия сарф шудааст.

**Нақши карбони худро КАМ КУН!**

**Сандуқчаи иқлимӣ**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

“Сандуқчаи иқлимии Ҷумҳурии Тоҷикистон” – нашри махсуси мавод оид ба таълиму бозӣ доир ба мавзӯи “Тағйироти иқлим”, ки тибқи Барномаи Рушди СММ барои муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор” 2018–2028 ва барномаи “Ҷаҳони нав” омода гардида, аз ҷониби Фонди глобалии экологӣ ва ширкати “Кока–кола” маблағгузорӣ мешавад.

gef
U N D P

# ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ

**Агар башарият барои кам кардани сатҳи партовҳои газҳои гармхонаӣ ҳамаи тадбирҳои имконпазирро анҷом надиҳад, оқибатҳои он барои табиат ва инсон дар охири асри XXI беҳад хатарнок хоҳад буд.**




Дар 130 соли охир ҳарорати миёна дар Замин ба 1,0°C баланд шудааст. Дар нимкураи шимолӣ чунин давраи гарм дар 1400 соли охир набуд. 10 аз 13 соли ҳазорсолаи нав ба даҳгонаи солҳои гармтарин дар тамоми таърихи мушоҳидаи метеорологӣ ворид шудааст ва соли ба таври рекордӣ гарм соли 2010 буд.



Ҳамроҳ бо баланд шудани ҳарорат ҳамаи системаҳои табиӣ дар сайёра аз мувозинат берун мешаванд: пиряхҳо ва яхбандони чандсола об мешаванд; сатҳи Уқёнуси ҷаҳонӣ баланд мешавад; обхезиҳо, хушксолиҳо ва тӯфонҳо бештар зуҳур мекунанд; обу ҳаво бештар тағйирпазир мешавад.

**2 млрд нафар**
**соли 2050**

То соли 2050 ба сабаби оқибатҳои тағйирёбии иқлим, зиёд шудани шумораи аҳолӣ, кам шудани майдони ҷангалҳо ва баланд шудани сатҳи Уқёнуси ҷаҳонӣ шумораи одамони осебдида аз обхезиҳо ва дигар офатҳои табиӣ то 2 млрд. нафар афзоиш меёбад.

**1/3 аҳолӣ**

Аз се як ҳиссаи аҳолии Замин дар минтақаи 100 километрии наздисоҳилӣ зиндагӣ мекунанд. Тағйирёбии сифати захираҳои об пеш аз ҳама ба ин одамон таъсир мерасонад. Баланд шудани сатҳи баҳр шӯрии захираҳои оби ширини наздисоҳилиро зиёд мекунад ва ба сабаби дар зери об мондани хушкӣ, қаламрави сукунатро кам мекунад.

**1,8 млрд.**

Ба сабаби тағйирёбии иқлим суръати обшавии пиряхҳо афзоиш меёбад ва ҳамчунин режим ва миқдори боришот тағйир меёбад. То соли 2080, 1,8 млрд. нафар дар шароити нарасидани об зиндагӣ хоҳанд кард.

**2°C = 100 млрд. доллари ИМА**

Ба сабаби тағйирёбии иқлим суръати обшавии пиряхҳо афзоиш меёбад ва ҳамчунин режим ва миқдори боришот тағйир меёбад. То соли 2080, 1,8 млрд. нафар дар шароити нарасидани об зиндагӣ хоҳанд кард.

Дар натиҷаи сӯхтани сӯзишворӣ, рушди нақлиёти автомобилӣ ва буридани ҷангалҳо консентратсияи чунин газҳои гармхонаӣ дар атмосфера монанди гази карбон ($CO_2$), метан ($CH_4$) ва оксиди нитроген ($N_2O$) ба таври рекордӣ баланд шудааст, ки чунин нишондиҳандаҳо дар Замин ҳадди ақал 800 ҳазор сол вуҷуд надоштанд. Аз ибтидои давраи саноатӣ, яъне аз солҳои 1750, таркиби гази карбон дар атмосфера ба 40%, метан ба 120% ва оксиди нитроген ба 20% зиёд шудааст.




**Сандуқчаи иқлимӣ**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**


“Сандуқчаи иқлимии Ҷумҳурии Тоҷикистон” – нашри махсуси мавод оид ба таълиму бозӣ доир ба мавзӯи “Тағйироти иқлим”, ки тибқи Барномаи Рушди СММ барои муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор” 2018–2028 ва барномаи “Ҷаҳони нав” омода гардида, аз ҷониби Фонди глобалии экологӣ ва ширкати “Кока–кола” маблағгузорӣ мешавад.